## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6DKOA-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Раҳмонов Самандар Давлаталиевич дар мавзуи "Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа

Пажуҳиши илмии осор ва афкори мутафаккири маорифпарвар Аҳмади Дониш дар замони шуравӣ дар баъзе таҳқиқот нуктаи назари маркистӣ касб карда бошад ҳам, вале новобаста ба ин тамоюлҳои идеологии таълимоти Аҳмади Дониш чун мутафаккири маорифпарвар маҳз дар ҳамин даврон муаррифӣ шудаанд. Дар даврони ибтидоии соҳибистиқлолӣ бошад, дар таҳқиқоти мавҷуда унвони нав - «ислоҳталабии динӣ» ба таълимоти мутафаккир таҳмил карда шуд, ки натиҷаи таҳқиқи яктарафаи афкору фалсафаи иҷтимоии маорифпарварии Аҳмади Дониш маҳсуб мешавад. Дар маҷмуъ бошад, бо вуҷуди баррасӣ шудани як қатор ҷанбаҳои таълимоти Аҳмади Дониш ва ҷадидия, то ҳол таҳқиқоти ҷудогона дар мавзуи таҳлили муқоисавии масъалаи ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро аз дидгоҳи ин мутафаккир ва ҷадидону навбухориён анҷом дода нашудааст. Диссертатсияи пешниҳодшуда ин холигиро пур мекунад. Аз ин рӯ, интихоби мавзуъ аз ҷониби муҳаққиқ таҳти унвони "Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро" бозгӯкунандаи як паҳлуи камомӯхтаи таълимоти маорифпарвар маҳсуб ёфта, барои ҷомеаи имрӯз аз мавзуи зарурӣ ва мубрам мебошад. Диссертатсияи Раҳмонов С.Д. аз рӯйи мазмун ва мундариҷа фарогири мавзуи марбут ба як марҳилаи таърихии афкори фалсафии халқи тоҷик аст. Аз ин нуқтаи назар мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба шиносномаи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа, ки аз рӯйи он шурои диссертатсионии 6D.KOA-092 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо

дода шудааст, мутобиқат мекунад.

Маводи нашркардаи муаллиф мазмун ва моҳияти диссертатсияро комилан инъикос менамоянд ва дар маҷаллаҳои эътирофкардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудаанд. Аз тарафи дигар дараҷаи омӯзиши мавзуъ аз он далолат мекунад, ки диссертант воқеан аз сарчашмаҳои зиёди таърихӣ, илмӣ, асарҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ доир ба мавзуи матраҳшуда огоҳӣ дорад ва аз онҳо маводи заруриро вобаста ба зербобҳои диссертатсия истифода бурдааст.

Дақиқии маълумот, ҳаҷми мувофиқи маводи таҳқиқотӣ ва коркарди илмии натиҷаҳои таҳқиқот эътимоднокии кори диссертатсиониро таъмин кардаанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд. Мазмун ва моҳияти кори диссертатсионӣ масъалаҳоеро дар бар мегирад, ки дар онҳо методологияҳои омӯзиши таълимоти Аҳмади Дониш дар замони шуравӣ ва даврони муосир муайян карда шудаанд, моҳияти ҳаракати маорифпарварӣ дар таърихи башарият ва хусусиятҳои он дар аморати Бухоро нишон дода шуда, нишонаҳои муҳити иртиҷоии давраи ҳукмронии сулолаи Манғития ва омилҳои боздошти ҷомеаи даврони Аҳмади Дониш аз рушду тараққӣ дар асоси сарчашмаҳои таърихию адабӣ мушаххас гардидаанд. Ҳамзамон, дидгоҳи маорифпарварона ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш дар муқоиса бо дигар маорифпарварони асри XIX, масъалаҳои сиёсӣ-иҷтимоии аморати Бухоро дар афкори мутафаккир ва бартарии ақидаҳои Аҳмади Дониш аз таълимоти ҷадидия оид ба ислоҳоти сиёсӣ-иҷтимоӣ таҳлил ва хулосабарорӣ шудаанд.

Бинобар ин, таҳқиқ ва мутолиа кардани масъалаҳои ба миён гузоштаи диссертант Раҳмонов С.Д. аз он ҷиҳат муҳим мебошанд, ки ба ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ислоҳотхоҳонаи Аҳмади Дониш ва ҷадидия равшанӣ андохта, дар оянда дар таҳқиқи осори ислоҳотхоҳонаи иҷтимоии дигар

мутафаккирони асри XIX ва ибтидои асри XX метавонанд истифода шаванд. Маводи диссертатсияро метавон барои таҳияи барномаҳои таълимӣ, тарбияи насли наврас истифода намуд.

Сохтори диссертатсия бо ҳадафҳои он мутаносиб буда, он бо баёни пайдарпайӣ ва мантиқии андешаҳо ва нуқтаҳои асосие, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд, фарқ мекунад. Диссертант бо таҳқиқи мавзуи матраҳшуда осори фалсафии Аҳмади Дониш ва асарҳои ҳамасрони ӯ, инчунин маводи илмиро низ, ки дар онҳо рушди низоми афкори сиёсӣ-иҷтимоӣ дар Осиёи Миёна дар нимаи дуюми садаи XIX таҳқиқ шудаанд, истифода намуда, ба асоснок ва ҳаллу фасли масъалаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар доираи ҳадаф ва вазифаҳои он комёб гардидааст.

Ташхис нишон дод, ки диссертатсияи диссертатсияи Раҳмонов С.Д. дар мавзуи "Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро" хусусияти эҷодӣ дошта, ба тамоми талаботи таҳқиқоти илмӣ, муқарраротн муайянкардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 қабул карда шавад.

Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ оид ба диссертатсияи Раҳмонов С.Д. дар мавзуи "Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа, мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Раҳимов Муҳсин Ҳусайнович - доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳии техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ;

- Ҷураев Комрон Ҷондорович – доктор аз рӯи ихтисос, доктори фалсафа (PhD), омӯзгори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба

номи С.Айнӣ;

- Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода таъйин карда шавад.

- Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

- Пешниҳод карда мешавад, ки барои нашр ва паҳнкунии автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертии диссертатсияи Раҳмонов С.Д. дар мавзуи "Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

ҚАРОР ҚАРД:

1. Диссертатсияи Раҳмонов Самандар Давлаталиевич дар мавзуи "Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 09.00.03-Таърихи фалсафа мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Раҳимов Муҳсин Ҳусайнович - доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳии техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ;

- Ҷураев Комрон Ҷондорович – доктор аз рӯи ихтисос, доктори

фалсафа (PhD), омӯзгори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа ______________ Самиев Б.Ҷ.

**Аъзои комиссия экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа ______________ Муминов А.И.

доктори илмҳои фалсафа ______________ Султонзода С.А.

"19" 04 соли 2025